**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
Гулназарзода Ҷило Бурӣ ________________
«26» апрел соли 2022

# ХУЛОСАИ

Шурои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи **«Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ)** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Довталаби дараҷаи илмӣ Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна соли 2012 факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоевро бо ихтисоси «забоншинос, муаллими забони анлисӣ» ва соли 2015 зинаи магистратураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзодаро хатм намуда, соҳиби дипломи аълочии дараҷаи магистр аз рӯйи ихтисоси «муаллими забони англисӣ» гардид. Аз соли 2015 то соли 2018 мавсуф зинаи докторантура (PhD)-ро аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ дар ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода таҳсил карда, зинаи мазкурро бомуваффақият хатм намуд.

Мавзуи диссертатсияи Парвоева Н.З тахти унвони «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 31 марти соли 2016, тахти № 8/4-1 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, Матробиён Саодатшо Қосимзода вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **мушовири илмӣ** – доктори илми филология, профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мамадназаров Абдусалом таъин гардидаанд.

Диссертатсияи мавриди назар дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода аз 26.03.2021, № 8 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Илова бар ин, бинобар сабаби тағйирот ворид шудан дар низоми дарёфти тараҷаҳои илмӣ, диссертатсия бори дигар дар иртибот ба нишондоди

“Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст, дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода аз 20.11.2021, № 4 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шудааст.

Ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳо Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода диссертатсияи мазкурро бо ширкати муқарризони холис – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи С.Айнӣ Ҷаматов С.С. ва номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Шарифова А.Ш. баррасӣ ва муҳокима намуд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба таҳқиқи муқоисавии зарбулмасалу мақолҳои ду забон – забонҳои вахонӣ ва англисӣ, ки аз назари типологӣ аз ҳам мухталиф ва аз назари хешовандӣ шомили як оила мебошанд, бахшида шудааст. Вобаста ба масъалаи таҳқиқот диссертатсия ба ихтисоси илмии барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мувофиқат меномояд.

**Муҳиммияти мавзуъ**, бо он муайян мегардад, ки кори мазкур дар самтҳои нави забоншиносӣ – забоншиносии фарҳангӣ ва забоншиносии қавмӣ анҷом дода шудааст.

Ҳар як забон хусусияти миллии худро дорад ва дар он на танҳо хусусияти вазъи табиӣ, балки фарҳангӣ ва хулқу атвори ба худ хоси миллӣ инъикос мегардад. Бинобар ин, ба хусусиятҳои фарҳангиву миллии мардум ҳамчун таҳкурсии таърихии рушди он баҳо дода мешавад. Аз ҳамин нигоҳ ба таври комил ва ҳамаҷониба доир ба тавзеҳоти зарбулмасалу мақолҳои тоҷикони вахонизабон кори таҳқиқотие вуҷуд надорад, ки зеҳнияти онҳоро доир ба дарки муҳити атроф нишон диҳад.

Тазаккур бояд дод, ки зарбулмасалу мақолҳо нишондиҳандаи муҳими тафаккури мардумӣ буда, бо хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангӣ робита доранд. Онҳо бо хосияти зеҳният, урфу одат, оин, зисту зиндагӣ ва сирати миллӣ вобастаанд. Аз ин лиҳоз, забон як манзараи хоси ҷаҳонро инъикос намуда, ба шуур ва зеҳнияти дорандаи ӯ мутобиқат мекунад. Аз рӯйи ақидаи муҳаққиқон, забон ба зеҳну тафаккури соҳибони худ таъсир расонида, маданияту фарҳангро меомӯзад, ки дар он ҷиҳатҳои хулқи миллӣ ва хусусияти нигориши ҷаҳон инъикос ёфтааст.

Хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ ба ҳалли масъалаҳо барои зоҳир намудани қонуниятҳои умумӣ ва хоси забонҳои вахонӣ ва англисӣ дар самти вожашиносӣ ва барои муайян намудани роҳҳои бештар муносиби тарҷумаҳои зарбулмасал ва мақолҳои вахонӣ ба англисӣ мусоидат мекунанд. Чунин амал барои ҳал намудани як қатор масъалаҳои ҷудогонаи тарҷумаи амалӣ ва назариявӣ кумак мерасонад.

Ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9-и “Самтҳои афзалятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, № 503)” иртибот дошта, масъалаи гиромидошти забону адабиёт, осори гаронарзиши ниёгон ва таҳқиқи он дар шароити кунунӣ хеле актуалӣ ба шумор меравад.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, пеш аз ҳама, ин пажӯҳиши махсуси муқоисавии хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои низомашон гуногуни мутааллиқ ба як оилаи забонҳо – забони вахонӣ ва забони англисӣ аст. Дар диссертатсия аз нуқтаи назари забоншиносии фарҳангӣ (лингвокултурологӣ) ва забоншиносии қавмӣ (этнолингвистӣ) умумият ва фарқияти зарбулмасалу мақолҳои ду мардуми аз назари ҳудудӣ аз ҳам дур, ки забонашон мансуби як ҳавзаи ҷуғрофӣ нест, яъне вахонизабонон ва анлисзабонон муайян мегардад.

Масъалаҳое, ки дар диссератсия ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, хеле мушаххас буда, бандҳои зеринро дар бар мегиранд:

1. Зарбулмасалу мақолҳо таърих, анъана, урфу одат, умуман, мероси маънавии ин ё он халқро инъикос мекунанд, ки он барои ҳалли масъалаҳои лингвофарҳангӣ ва этнолингвистӣ мусоидат мекунанд. Дар онҳо тасвири забонии ҷаҳони андешаи мардумони забонашон муқоисашаванда ба таври хос инъикос меёбад.

2. Бо вуҷуди фарқияти робитаҳои фарҳангиву таърихии мардумони вахонизабон ва англисзабон, дар байни зарбулмасалу мақолҳо миқдори муайяне мавҷуданд, ки аз ҷиҳати маъно шабоҳат доранд. Умумият ва фарқияти зарбулмасалҳо ва мақолҳоро танҳо тавассути хусусиятҳои миллию фарҳангӣ метавон мушоҳида кард.

3. Зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахонӣ ва англисӣ аз назари мавзуъ таҳлил мешаванд. Мавзуъҳои таснифшудаи зарбулмасалу мақолҳо нишон медиҳанд, ки то чӣ андоза забонҳои муқоисашаванда хусусиятҳои миллию фарҳангии соҳибон - гӯяндагонашонро дар худ фаро мегиранд.

4. Зарбулмасалҳое, ки сифати арзиши умумиинсонӣ, ба мисли сабр кардан, меҳнат, меҳмоннавозӣ ва эҳтиромро инъикос менамоянд, бештар дар байни мардум маълуму машҳуранд. Дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои муқоисашаванда ин арзишҳои ахлоқӣ ба таври хеле барҷаста инъикос меёбанд.

5. Хусусиятҳои хоси андешамандӣ ва ҷаҳонбинии халқу миллатҳоро омӯхта, арзишҳои миллӣ ва хусусиятҳои умумӣ ва хоси шинохти олами атрофи соҳибзабонон муқаррар карда мешавад. Таҳлилҳои забоншиносии лингвокултурологӣ ва этнолингвистии зарбулмасалу мақолҳои тоҷикони вахонизабон ва мардумони англисзабон маҳз ҳамин хусусиятҳоро нишон медиҳанд.

6. Хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасал ва мақолҳои забони вахонӣ, ки яке аз забонҳои шарқии эронӣ маҳсуб меёбад, бо забонҳои низомашон гуногун дар мисоли забони англисӣ муқоиса мешавад. Маълум мегардад, ки дар байни соҳибони ин забонҳо, новобаста аз фарқиятҳои миллию фарҳангӣ, як тасвири умумии ҷаҳон мавҷуд аст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ аз нуқтаи назари забоншиносии фарҳангӣ (лингвокултурологӣ) ва қавмӣ (этнолингвистӣ) бори нахуст дар шакли диссертатсия ба таври мукаммал таҳиқ карда шуд.

Доир ба мавзуи диссертатсия диссертант 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ ба табъ расонидааст, аз ҷумла:

**А) Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

**[1-М].** Парвоева, Н.З. Муқоисаи маънoии воҳидҳои фразеологии зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ ва англисӣ [Матн] / Н.З. Парвоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018, № 3. – С. 115- 118.

**[2-М].** Парвоева, Н.З. Робитаи маънoии зарбулмасалу мақолҳо ва воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои вахонӣ ва англисӣ [Матн] / Н.З. Парвоева // Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018, № 4. – С. 42-45.

**[3-М].** Парвоева, Н.З. Инъикоси муносибати инсон ба меҳнат дар зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ (дар муқоиса бо забони англисӣ) [Матн] / Н. З. Парвоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019 № 1. – С. 155- 159.

**[4-М].** Матробиён, С.Қ., **Парвоева, Н.З.** Муқоисаи хусусиятҳои этнолингвистии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахонӣ ва англисӣ (дар мисоли соматизмҳо) [Матн] / С.Қ. Матробиён, **Н.З. Парвоева** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020, № 7. – С. 27- 32.

**[5-М].** Мамадназаров, А., **Парвоева, Н.З.** Вижагиҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ бо унсурҳои зоонимӣ дар муқоиса бо забони англисӣ [Матн] / А. Мамдназаров., Н.З. Парвоева // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2022. - № 2 (46). – С. 12-18.

2) **Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар дигар маҷмуаҳои илмӣ:**

**[6-М].** Парвоева, Н.З. Структурно-грамматические лексические особенности пословиц и поговорок ваханского и английского народов [Матн] / Н.З. Парвоева // Паёми Донишкадаи забонҳо, №3 (23). Душанбе, – 2016. – С. 61- 65.

**[7-М].** Парвоева, Н.З. Лексико-семантическое пословицы и поговорки в ваханском и английском языках [Текст] / Н.З. Парвоева // Материалы международный научно-практической конференции «Русский язык в современных реалиях» посвященной году Туризма и народных ремесел. – Душанбе, 2018. С. 49-55.

**[8-М].** Парвоева, Н.З. Нақши зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун инъикоскунандаи фаъолияти якҷояи одамон [Матн] / Н.З. Парвоева // Нақши тарҷума дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Тоҷикистон 25-уми январи соли 2018». – Душанбе, 2018. С. 99-105.

[9-M]. Parvoeva, N.Z. Wakhi proverbs and sayings and their equivalents [Text] / N.Z. Parvoeva // Материалы XV международной научно-практической конференции молодых учёных и студентов, посвящённой «Годам развития села, туризма и народных ремесел (2019-2021)». Сборник тезисов. – Душанбе, 2020. С. 622.

**[10-M].** Парвоева, Н.З. Ифодаи эҳсоси тарсу ваҳм дар зарбулмасалҳои вахониву англисӣ [Матн] / Н.З. Парвоева // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Омодасозии кадрҳо бо ҳадафи рушди устувори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2020. С. 376-378.

**[11-M].** Парвоева, Н.З. Акси муносибатҳои оилавию хешутаборӣ дар зарбулмасалу мақолҳои вахониву англисӣ [Матн] / Н.З. Парвоева // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30-солагии ДССХ ва рӯзи байналмилалии забони модарӣ (19-уми феврали соли 2021). – Душанбе, 2021. С. 231-235.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муҳтавои диссертатсия дар маърузаву гузоришҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати профессорону устодони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва дигар конференсияҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ (солҳои 2016-2021) мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Таркиби диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Ҷаласа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва фикру андешаҳои баёнгардида,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (дар асоси таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Таҳқиқоти диссертатсионии Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (дар асоси таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) барои дифоъ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул карда шудааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд** аз 20 нафар аъзои Шурои олимон 19 нафар иштирок доштанд. 1 нафар бо сабаби узрнок иштирок надошт.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** "тарафдор" – 19 нафар (бинобар сабаби узви Шуро будани худи диссертант), "муқобил" – 0 нафар, – 0 бетараф, суратҷаласаи № 9 аз 23 апрели соли 2022.

**Раиси Шурои олимони**
**факултети забони англисӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич

Муқарризони холис:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи
забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии ДДОТ ба номи
С.Айнӣ Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович

Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи филологияи
англисии ДДЗТ ба
номи Сотим Улуғзода Шарифова Адолатхон Шарифовна

**Котиби Шурои олимони факултет:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи филологияи англиси
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Султонзода Мижгона

Имзоҳои Мусоямов З.М., Ҷаматов С.С., Шарифова А.Ш. ва Султонзода М.-ро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ
ба номи Сотим Улуғзода Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000
Факс: +992 372325003
Сомона: www.ddzt.tj